**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи “Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ”**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Лоиҳаи “Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ”. |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Бонки миллии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад. | Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ). |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ. | 31.12.с.2022. |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Талаботи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 15 июн то 15 июли соли 2022 гузаронида шуд. |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯйи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо. | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Талаботи мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид.<br>Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Талаботи болозикр Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 15 июли соли 2022, №95/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи |

| | |
|---|---|
| | санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки раванди қабулу интиқоли портфели суғуртавиро пурра ба танзим медарорад, ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки иҷозатномаашон бозхонд карда мешаванд, портфели суғуртавиро бо тартиби муайян ва саривақт интиқол намедиҳанд.<br>Ҷиҳати саривақт ва дуруст ба роҳ мондани қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Талаботи мазкурро таҳия намуд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Талаботи мазкур интиқоли портфели суғуртавӣ саривақт ва дуруст ба ҷо оварда намешавад ва дар мавриди рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ эҳтимолияти иҷро нагардидани уҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон ба вуҷуд меояд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат. | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи “Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ”-ро бо назардошти муқаррароти моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:<br>- ба танзим даровардани раванди қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ;<br>- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;<br>- нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- самаранок ба роҳ мондани масъалаҳои танзиму назорат аз рӯйи фаъолияти |

| | |
|---|---|
| | ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- иҷрои талаботи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ". |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Яке аз вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ, ин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон ба ҳисоб меравад.<br>Мутобиқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд ҳангоми ба миён омадани яке аз сабабҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда ҷиҳати поймол нагардидани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон ба таври ҳатмӣ интиқоли портфели суғуртавиро ба роҳ монанд.<br>Аммо, ҳангоми бозхонди иҷозатномаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз ҷониби суд бинобар сабаби мавҷуд набудани талаботи муайян, мутаассифона интиқоли портфели суғуртавӣ новобаста аз тавсияҳо ва супоришҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба ҷо оварда намешавад.<br>Бо дарназардошти он, ки таҷриба низ зарурияти инро собит намудааст, бе таҳия ва қабули санади мушаххаси меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли масоили мазкур ғайриимкон мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии | Лоиҳаи Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ ҳангоми ба миён омадани яке аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" тартиби интиқоли портфели суғуртавиро муқаррар намуда, ҳимояи манфиатҳои қонунии суғурташавандагонро |

| | |
|---|---|
| пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | кафолат медиҳад.<br>Дар лоиҳаи мазкур шарту талаботҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- асосҳо барои интиқоли портфели суғуртавӣ;<br>- талабот вобаста ба огоҳ намудани суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон оид ба интиқоли портфели суғуртавӣ;<br>- талабот ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки портфели суғуртавиро қабул менамоянд;<br>- талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ.<br>Дар лоиҳаи Талаботи мазкур уҳдадориҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд:<br>- дар давоми на дертар аз се рӯзи корӣ баъд аз қабули қарори дахлдор оид ба интиқоли портфели суғуртавӣ Бонки миллии Тоҷикистонро тариқи хаттӣ хабардор намояд;<br>- дар давоми на дертар аз панҷ рӯзи корӣ баъд аз қабули қарори дахлдор оид ба интиқоли портфели суғуртавӣ дар сомонаи расмии худ хабарнома оид ба интиқолдиҳии портфели суғуртавиро ҷойгир намояд;<br>- хабарномаро дар нашрияҳои муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ба табъ расонад;<br>- ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба интиқоли портфели суғуртавӣ хабарнома ирсол менамояд;<br>- розигии хатии суғурташавандагонро оид ба ивазшавии суғуртакунанда гирад.<br>Дар лоиҳаи Талаботи мазкур барои ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) қабулкунандаи портфели суғуртавӣ маҳдудиятҳои зерин |

| | |
|---|---|
| | пешбинӣ гардидаанд:<br>- дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба намудҳои суғурта бошад, ки аз рӯйи онҳо шартномаҳои суғуртавии портфели суғуртавӣ интиқол дода мешаванд;<br>- дар бозори суғурта на камтар аз як сол фаъолият дошта бошад;<br>- устувории вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии он ба талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад;<br>- дар давоми як соли охир тибқи талаботи қонунгузорӣ нисбаташ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои ислоҳӣ ё дигар маҳдудиятҳо муқаррар карда нашуда бошад.<br>Рушди инфрасохтори бозори суғуртаи кишвар давра ба давра инкишоф ёфта, зарурати ба танзимдарории ҳар як самти асосии бозор бо роҳи таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст.<br>Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлат, рушди босамараи бозори суғуртаи кишвар инчунин иҷрои талаботи муқаррарнамудаи қисми 5 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, лоиҳаи Талаботи мазкурро таҳия намудааст. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади | Қабули Талаботи мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳои суғуртавӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад;<br>- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии |

| | |
|---|---|
| меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот. | истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавиро таъмин мегардонад;<br>- эътимоднокии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- интиқоли портфели суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) аз лиҳози молиявии устувор таъмин мегардад;<br>- барои ташаккули низоми суғуртаи уствор дар кишвар мусоидат менамояд.<br>Дар таҷриба роҳи дигари ҳалли мушкилот мавриди баррасӣ қарор дода шуд, аммо барои ҳалли масъалаи мазкур роҳҳои алтернативии дигар пайдо нашуданд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва давряти ҷамъоварии он. | Дар ҳолати қабул гардидани Талаботи мазкур портфели суғуртавӣ ба ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) аз лиҳози молиявӣ уствор интиқол гардида, ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ саривақт амалӣ карда мешаванд ва бо ин васила ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таъмин мегардад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 10.01.с.2023. |

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.